Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдуллозода Зебонисо Файзулло дар мавзуи "Созишномаи арбитражӣ: масъалаҳои назария ва таҷриба" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба номи мавзу ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст.** Мавзу ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ кардааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар он аст, ки Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар даврони муосир яке аз дастовардҳои бузурги инсоният мебошад ва аввалин маротиба дар таърихи мавҷудияти давлатҳо роҳҳои алтернативии ғайридавлатии баррасии баҳсҳоро пешбинӣ менамояд. Маҳз ба вуҷуд омадани чунин институт ба иштирокчиёни муносибатҳои тиҷоратӣ кафолат медиҳад, ки онҳо дар қаламравӣ давлатҳои гуногун озодона фаъолият кунанд ва новобаста аз қонунгузории давлатҳои миллӣ баҳсҳои бавуҷудомадаро ҳал намоянд. Ин институт ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ имконият медиҳад, ки онҳо дар муносибатҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ маданӣ иштирок намуда, саҳми худро дар рушди муносибатҳои савдои байналмилалӣ гузоранд.

Аммо то имрӯз на ҳамаи давлатҳо муҳимияти ин институтро дарк кардаанд ва дар бисёр ҳолатҳо ба таври ҷиддӣ ба он аҳаммият намедиҳанд. Дар байни олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, ҳуқуқшиносон низ оид ба мавҷудияти ин институт ақидаҳои ягона мавҷуд нестанд ва таҷрибаи арбитражӣ, иҷрои қарорҳои он низ дар байни субъектони муносибатҳои маданӣ нофаҳмиҳои зиёдеро ба миён овардааст.

Бояд тазаккур дод, ки гуногунии амалияи арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ аз ҳолати ҷой надоштани ақидаи ягона дар байни мутахассисони соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз рӯи чунин ҷанбаҳои муҳими мавзуи таҳқиқшаванда, ба монанди: доираи созишномаи арбитражӣ, ҳолатҳое, ки ба беэътибор донистани он оварда мерасонанд ва шартҳои ҳатмии паҳн гардидани он нисбати шахсони

сеюм шаҳодат медиҳад. Дар рисолаи мазкур таҳлил ва ҷамъбаст намудани таҷрибаи арбитражӣ оид ба масъалаҳои баҳсӣ ҷиҳати муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо ва таҳияи пешниҳодҳо роҷеъ ба такмили низоми марбутаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меорад.

Бо назардошти афзоиши рақобати воситаҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо ва рушди воситаҳои алоқаи электронӣ дар робита бо арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, омӯзиши ақидаи арбитражи «виртуалӣ» ва мувофиқати онро ба қонунгузорӣ, амалияи арбитражӣ ва доктринаи ҳуқуқӣ амали саривақтӣ дониста мешавад. Чунин таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал гузаронида мешавад.

Мақсади таҳқиқот - ҷамъбаст кардани донишҳои илмӣ ва амалӣ дар бораи ҷанбаҳои гуногуни таъсири созишномаи арбитражӣ ба ҳалли баҳсҳо дар судҳои арбитражи байналмилалӣ ва тақвияти онҳо; муайян кардани проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ оид ба мавзуи рисола; таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои расидан ба ин мақсадҳо дар рисола масъалаҳои зерин ҳал карда шудаанд: муайян кардани табиат ва моҳияти ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ ҳамчун асос барои пешниҳоди баҳс ба суди арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ; муайян кардани унсурҳои асосӣ ва иловагии созишномаи арбитражӣ; мушаххас кардани ҳолатҳое, ки ба эътибори созишномаи арбитражӣ таъсир мерасонанд; омӯхтани принсипҳои умумии ҷалби шахсони сеюм ба мурофиаи арбитражӣ; таҳлили таъсири созишномаи арбитражӣ ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ дар ҷараёни мурофиаи арбитражӣ, инчунин эътироф ва иҷрои ҳалномаи суди арбитражӣ байналмилалӣ.

Ҳангоми навиштани рисола муаллиф аз усулҳои илмӣ ба монанди диалектикӣ, таҳлили низомӣ, муқоиса ва қиёс, муқоисавии ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ истифода намудааст. Дар рисола мафҳуми «созишномаи арбитражӣ» аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии диалектикӣ баррасӣ гардида, муаллиф қайд менамояд, ки созишнома қисми ҷудонашавандаи шартнома бошад ҳам, аммо аз он вобаста намебошад ва унсурҳои созишнома бо ҳам алоқаманд буда, ба баррасии баҳсҳои байни тарафҳо бевосита таъсир мерасонанд.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии созишномаи арбитражӣ муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

Бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода З.Ф. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии созишномаи арбитражӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии зикргардида тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар ин самт, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷму навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назарӣ ва амалии созишномаи арбитражиро ифода менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни созишномаи арбитражӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар ин самт, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди татбиқи созишномаи арбитражӣ, асос ёфтаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот дар доктринаи ҳуқуқиие, ки бори аввал дар Тоҷикистон пешниҳод гардида, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи моҳияти созишномаи арбитражиро аз лаҳзаи бастани он аз ҷониби тарафҳо то лаҳзаи эътироф ва мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи суди арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дарбар мегирад.

Хусусияти фарққунандаи рисолаи пешниҳодгардида дар он аст, ки он на танҳо ба проблемаҳои мубрами арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар кишварҳои хориҷӣ низ таваҷҷӯҳ менамояд. Дар таҳқиқоти илмӣ, қонунгузории зиёда аз бисту панҷ кишвар оид ба ҷанбаҳои гуногуни мавзу таҳлил гардида, аз таҷрибаи арбитражҳои байналмилалии тиҷоратии пешрафта ва таҷрибаи судии хориҷӣ мисолҳо ва амсолияҳо оварда шудаанд. Ба тамоюлҳои нави доктринаи ҳуқуқӣ, ки дар нашрияҳои хориҷӣ инъикос шудаанд, баҳо дода шудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар омӯзиши доктринаи муосири ҳуқуқии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ бо мақсади муайян кардани тамоюлҳои пайдошаванда вобаста ба мавзуи таҳқиқот ифода ёфтааст. Таҳлили қонунгузории як қатор давлатҳо имкон додаанд, ки табиати муайянгардидаи созишномаи арбитражӣ ҳамчун институти мустақили ҳуқуқи шартномавӣ, ки бевосита ба ҳалли баҳсҳо дар судҳои байналмилалии арбитражии тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, пешниҳод карда шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар муайян кардани монандӣ ва тафовут дар амалияи Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон

бо тачрибаи ҳалли баҳсҳо дар арбитражҳои байналмилалии тиҷоратии пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои муқоисаи бадастомада метавонанд ҷиҳати такмили фаъолияти Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон мувофиқи тамоюлҳои муосир хидмат кунанд. Аз ҷумла, таҳияи заминаи ҳуқуқӣ барои баррасии тезонидашудаи баҳсҳо дар Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон, инчунин заминаи ҳуқуқӣ ва техникии фаъолияти арбитражи «виртуалӣ» зарур дониста шудааст.

Дастовардҳои рисола метавонад дар ҷараёни таълими курси «ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ»; таҳияи маводҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзуи таҳқиқот; ҳангоми нашри маҷмуаҳое, ки таҷрибаи судҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратии хориҷиро ҷамъбаст мекунанд, истифода шавад.

**Теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ чоп намудааст, ки 8-ададй онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми шахсии муаллифи кори илмӣ бо сатҳи навигарии илмии рисола, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмию амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, ҳалли масъалаҳо ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

Диссертатсияи Абдуллозода З.Ф. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Зебонисо Файзулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:
Мудири шуъбаи масоили назариявии далат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

30.09.2024

Суроғаи муқарриз:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33.
Тел.: +992 (37) 221-03-28;
E-mail: www.ifppanrt.tj